**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)**

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, (Душанбе 2024. – 27 саҳ.).

Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, натиҷаҳои он метавонанд дар раванди муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ вобаста ба квалификатсияи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содир карда мешаванд, бо таври васеъ истифода шаванд ва барои такмили қонунгузории зиддиэкстремистӣ мусоидат кунанд.

Диссертант дар таҳқиқот на танҳо хавфнокии ҷамъиятии экстремизми иттилоотиро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст, балки мушкилоти назариявию проблемаҳои қонунгузориро дар раванди тадбиқи амалии меъёрҳои дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми бандубасти кирдорҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет, мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ҳақиқат, дар қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои зиддиэкстремистӣ масъалаҳои баҳсноке ҷой доранд, ки ҳаллу фасл намудани онҳо зарурати таҳқиқоти илмии мазкурро тақозо менамоянд. Аз ин хотир, интихоби мавзуъ ва бо пайдарҳамии мантиқӣ таҳлил намудани вазифаҳои таҳқиқот вобаста ба табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқот мусоидат намуда, барои ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ ба муаллиф имконият додааст, ки мушкилоти муқовимат ба экстремизми иттилоотиро дар асоси андешаҳои муқтадири илмӣ, таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зиддиэкстремистӣ, таҷрибаи

судиву тафтишотӣ ва пурсишҳои сотсиологӣ бо таври мушаххас муайян созад ва роҳу равиши муосири илмиро барои ҳаллу фасл намудани онҳо манзур намояд.

Муаллиф барҳақ зикр намудааст, ки солҳои охир дар Тоҷикистон теъдоди зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки ҳифзи фазои иттилоотии онро ба танзим медароранд. Аммо теъдоди зиёди онҳо хусусияти умумиҳуқуқӣ дошта, талаботи дар онҳо муқарраргардида механизми дар таҷрибаи амалӣ бо тарзи зарурӣ ошкор ва пешгирӣ намудани иттилооти зараровар, аз ҷумла, идеологияи экстремистӣ-террористиро дар сатҳи зарурӣ ба танзим намедароранд. Пешниҳодҳои муаллиф вобаста ба такмил додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои ахбори омма» ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати танзими ҳуқуқии муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ хеле ҷолиб ва аз нуқтаи назари илмӣ асоснок мебошанд. Дар мавриди дар сатҳи қонунгузорӣ ҷонибдорӣ ёфтани таклифу пешниҳодоти муааллиф мушкилоти муайяни амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳали худро меёбанд.

Муҳтавои автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки муҳаққиқ вазифаҳои дарпешгузоштаашро хеле собитқадамона ҳаллу фасл намуда ба мақсадҳои зерин ноил гардидааст:

– мафҳум, хавфи ҷамъиятӣ ва аломатҳои хоси экстремизми иттилоотӣ бо таври комил муайян карда шуданд;

– муаммоҳои қонунгузории батанзимдарорандаи муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо мушаххас гардидаанд;

– аломатҳои тавсифии экстремизми иттилоотӣ дар қонунгузории зиддиэкстремистии давлатҳои узви ИДМ таҳлил гардида, бардоштҳои зарурӣ барои мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ дар ин самт ҳосил гардидаанд;

– бо дарназардошти асосҳои умумиилмӣ вобаста ба криминализатсия, квалификатсия ва дифференсиатсияи ҷиноят проблемаҳои қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ муайян карда шуда, роҳҳои мукамалгардонии онҳо пешниҳод гардидаанд;

– хусусиятҳои фарққунандаи экстремизми иттилоотӣ ва терроризми иттилоотӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

Дар баробари иҷрои вазифаҳои дар боло зикршуда, аз ҷониби муаллиф пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои

дорои хусусияти экстремистӣ, ки бо истифода аз ВАО, шабакаҳои алоқаи, барқӣ аз ҷумла, интернет содир карда мешаванд, коркард ва манзур карда шудаанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқот, ба андешаи мо баъзе аз пешниҳодҳои муаллиф дорои ҷанбаҳои баҳснок низ мебошанд. Аз ҷумла, муаллиф дар банди якуми пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд, қайд менамояд, ки «экстремизми иттилоотӣ вобаста аз хавфи ҷамъиятиаш метавонад табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ-маъмурӣ дошта бошад, ҳол он, ки дар банди дуюми пешниҳодҳо сухан дар мавриди «паст задани обрӯ ва эътибори шахс аз рӯйи ангезаҳои экстремистӣ» меравад, ки он метавонад, ҷавобгарии маданиро низ ба миён орад. Чунин мавқеъгирии муаллиф асоснокшунии мавқеи онҳоро дар раванди ҳимояи ошкорои рисола тақозо менамояд.

Бояд қайд намуд, ки эроди зикргардида хусусияти мубоҳисавӣ дошта, ба мазмуни таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонад.

Автореферати диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ арзёбӣ мешавад.

Муқарриз:
сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Давлатзода К.Д.

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.
«18» 02 2025

Суроғаи муқарриз: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 40. Тел.:
+992 (37) 223-06-10; (+992) 93-823-18-23
E.mail: komron231823@gmail.com